# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Манонзода Абубакр Манон дар мавзуи «Достони “Рамаяна” ва тарҷумаҳои форсии тоҷикии он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик . – Душанбе, 2023. – 24 саҳ.**

Ворид шудани мавзуъ ва мазмунҳои ҳиндӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ собиқаи тулонӣ дошта, қидмати он ба замони Сосониён ва пеш аз он мерасад, ки аз иртиботи қавмию нажодии ин миллатҳо дар дарозои таърих маншаъ мегирад. Нақши вожагон ва таркибҳои ҳиндиро дар адабиёти аҳди Сомониён ва ба хусус “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ ошкор аст. Адабиёти давраҳои баъд, ба вижа, дар осори ирфонии форсии тоҷикӣ мавзуъ ва мазмунҳои бисёре аз адабиёти ҳиндӣ ворид шудаанд, ки ба ёд овардани ҳикоятҳо дар мавриди тӯтӣ ва пил дар “Маснавӣ” аз ҳамин гуна падидаҳои адабӣ аст.

Бо футуҳоти сулолаҳои Ғазнавӣ ва Ғурӣ, ки тоҷикон таркиби идории онҳоро ташкил медоданд, адабиёти форсизабон дар ин сарзамини бобаракат по ба арсаи ҳастӣ мегузорад, ки адабиёти оламгири моро аз ҳар нигоҳ такмилу ғанӣ гардонидааст.

Қисмате аз адабиёти форсизабони шибҳи қорраи Ҳиндустонро адабиёти тарҷумашуда аз забонҳои бумии ин сарзамин ба форсии тоҷикӣ ташкил медиҳад, ки дар шакли манзум ва мансур ба ҷой мондаанд.

Дар заминаи таҳқиқу пажуҳиши осори таҷумашудаи ҳиндӣ навиштани рисолаи илмӣ аз тарафи унвонҷӯ Манонзода Абубакр Манон хеле ҷолиб ва мавриди ситоиш мебошад. Диссертант мавзуи кори илмии худро “Достони “Рамаяна” ва тарҷумаҳои форсии тоҷикии он” унвон гузошта бошад ҳам, дар рисола ба бисёр масъалаҳои марбути пайвандҳои ҳиндӣ-эронӣ ба хусус шабоҳатҳо ва монандиҳои ҳунару маданияти моддии ин халқҳо, тарҷумаи бешумори осори бадеӣ, илмӣ,

мазҳабӣ ва ҳунарӣ, "Рамаяна" – китоби муқаддас ва ҳамосаи ишқии ҳиндувон, тарҷумаҳои форсии тоҷикии он, маснавии ба асоси ин ҳамоса таълифнамудаи Масеҳои Понипатӣ мавсум ба "Ром ва Сито", хусусиятҳои жанрӣ, бадеӣ, сабкӣ, ҳунарӣ ва забониву баёнии он пардохта шудааст, ки рисоларо аз лиҳози илмӣ комил кардаанд.

Тавре аз мутолиаи автореферат бармеояд, роҷеъ ба равобити адабии Эрон ва Ҳинд мақолаҳо ва гузоришҳо вуҷуд дошта бошанд ҳам, муаллифони онҳо бештар ҷанбаҳои таърихии мавзуъро баррасӣ кардаанд. Дар таҳқиқоти Манонзода А.М. ба ҷанбаҳои адабии ин пайвандҳо ва равобити илмӣ, ҳунарӣ ва фарҳангӣ таваҷҷуҳ шудааст, ки ба тақозои мушаххас будани мавзуи рисола иҷро гардидааст. Ҳамчунон мақолаҳо дар бораи "Рамаяна", тарҷумаҳои форсии он, хусусан тарҷумаи Масеҳои Понипатӣ ҳам андак буда, таҳқиқоти муфассалу монографии ҳозир метавонад ин халои таҳқиқиро пурра гардонад.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия чанд камбудӣ ҳам ба назар мерасад, ки ислоҳшаванда мебошанд:

1. Дар тарзи навишти номҳои ҳиндӣ яксонӣ ва ягонагии тарзи навишт риоят нашудаанд, масалан номҳои ҳиндии аз китобҳои русӣ иқтибосшуда дар шакли русии онҳо омадаанд (Маурия, Чандрагупта, Ашука...), номҳои аз адабиёти форсӣ омада, дар шакли талаффузи форсии онҳо сабт шудаанд (Аҷинто, Моуриё, Чандргупто, Ашуко...) , ки якхела намудани онҳо дараҷаи илмии рисоларо беҳтар менамуд.
2. Хатоҳои имлоӣ ҳам дар матни автореферати диссертатсия роҳ ёфтаанд.

Эродҳои мазкур ба арзиши илмии рисола таъсир намерасонанд ва кори илмии диссертант комил буда, муаллифи он дорои лаёқати илмӣ мебошад.

Тозагии мавзуъ, шеваи нигориши хуби илмии диссертатсияи Манонзода Абубакр Манон дар мавзуи “Достони “Рамаяна” ва тарҷумаҳои форсии тоҷикии он” ба мо имкон медиҳад, ки бо боварӣ иброз намоем, ки он комилан ҷавобгӯи меъёрҳои илмӣ буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 01. - Адабиёти тоҷик сазовор мебошад.

Муқарриз: доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи адабиёти классикии тоҷики
МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Нуров Н. Н.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, Хуррамшаҳр 38
Тел: 992 928763797 E-mail: nurali74@mail.ru

Имзои доктори илмҳои филологӣ,
профессор Нуралӣ Нуровро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Э. Наврӯзов

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735700 ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Тел: (+992) 90040202 E-mail: n.ehson@mail.ru

04.09.2023